**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди**
**МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 08.06. с.2024, № 31*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ ПИРОВ ҲОҶИБОЙ ПИРМАҲМАДОВИЧ, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 13.00.01 – ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи **«Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»**, дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №30 аз 4-уми апрели соли 2024 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович 1-уми октябри соли 19994 дар деҳаи Кумарғи ноҳияи Айнӣ ба дунё омадааст.

Мавсуф соли 2017 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси муаллими таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Ӯ аз соли 2018 дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба ҳайси омӯзгор фаъолияти меҳнатиро оғоз намуда, то ҳол дар ин кафедра кор мекунад.

Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович соли 2019 тибқи фармоиши ректори Донишгох ( № 861 аз 31.12.2019) дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба ҳайси унвонҷӯ қабул шуда, таълифи диссертатсияро дар онҷо ба анҷом расонидааст.

**Роҳбари илмӣ – Шаропов Шавкат Аҳмадович**, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдураҳимзода Қудратулло Саид,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Лоиқов Парвиз Ҷумахонович,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умуми-донишгоҳии педагогикаи МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат дода, муаллифи диссертатсия Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадовичро шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) донистаанд.

**Муассисаи пешбар** - Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 30.04.2024 (суратмаҷлиси №04), ки он аз ҷониби эксперт, доктори илмҳои педагогӣ доктори илмҳои педагогӣ, мутахассиси пешбари шуъбаи педагогика ва псхологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Давлатшоев Изатулло мураттаб шуда, бо имзои директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо тасдиқ шудааст, ба диссертатсия баҳои мусбат додааст. Муассисаи тақриздиҳанда аз он ҷумла қайд кардааст, ки “Яке аз тарафҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллифи рисола нахуст ба муайян намудани мундариҷаи фаъолияти мутаносибгаронии муносибатҳои омузгор ва хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, нақша-барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиқкорона мавриди омӯзиш ва таҳил қарор додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълиму тарбияи насли наврас бешак мусоидат хоҳад кард.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқарраротти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ марбут ба мавзуи таҳқиқот ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқикот анҷом ёфтаанд”. Инчунин “асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович ягон шубҳаангез набуда, боэътимод ва боварибахшанд. Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нукоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррронӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд”.

Ташхисгар дар баробари бозгӯи муваффақиятҳои назарраси илмиву амалии рисола 4 нуктаро ҳамчун эрод ёдрас мекунад ва дар оянда ислоҳи онро мувофиқи матлаб медонад. Ҳамчунин таъкид кардааст, ки “камбудӣ ва норасоиҳои мавҷудбуда арзиши илмии диссертатсияи тақризшавандаро коҳиш намедиҳад”.

Дар маҷмӯ, омӯзиш ва таҳлили диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки таҳлили ба иҷро расонидаи диссертант дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии сифатӣ ва миқдорӣ, тафсири маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд. Ҷанбаи илмии рисола устувор, муҳаққиқ бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз сарчашмаҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Ҳамзамон автореферати диссертатсия ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, асоснок намудани мубраммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсади таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, усулҳои таҳқиқ, соҳаи таҳқиқ, марҳилаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, муътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарии таҳқиқот, аҳаммияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 10 интишороти илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой

Пирмаҳмадович дар мавзуи «Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ буда, инчунин ба талаботи бандҳои 32-35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

***Аз таълифоти арзишманди муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

**I. Мақолахое, ки дар нашрияҳои тақризии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]. Пиров Ҳ.П.,** Раҳматов Ё.С., Собирова О.М. Гармонизация отношений педагога и учащихся как педагогическая проблем //Вестник Таджикского национального университета. №4, - 2020.- Душанбе – С.178-183. ISSN 2074-1847

**[2-М]. Пиров Ҳ.П.,** Нематов П. Рушди ахлоқи хонанда ҳамчун маҳсули ҳамоҳангсозии муносибати омӯзгор ва хонанда // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. №3(35), 2021. –Душанбе – С. 54-58. ISSN 2617-5320

**[3-М]. Пиров Ҳ.П.** Асосҳои назариявии шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. №2(75), 2023. - Хуҷанд- С.93-97. ISSN 2077-4990.

**[4-М]. Пиров Ҳ.П** Педагогические условия гармонизации взаимоотношения учителя у ученика. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. № 1/3(113). 2023– Бохтар. С. 90-92. ISSN 2663-5534.

**II. Мақолахое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[5-М]. Пиров Ҳ.П.** О некторых вопросах гармонизации отношений личности школьника и учителя. // Дар маҷмуаи мақолаҳои "Муаммоҳои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда" - Хуҷанд: нашриёти "Меъроҷ", 2019 – С. 204-209.

**[6-М]. Пиров Ҳ.П.** Гармонизации отношений педагогов и учащихся ваний фактор эффективности педагогическией деятельности. // Дар маҷмуаи мақолаҳои "Муаммоҳои омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим".- Хуҷанд: нашриёти "Меъроҷ" 2020.- С. 327-333 (бо ҳаммуаллифӣ)

**[7-М]. Пиров Ҳ.П.** Ақидаҳои педагогӣ -психологии мутафаккирон оид ба муносибатҳои омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим. // Дар маҷмуаи мақолаҳо "Педагогика ва психология:" Муаммоҳои муосири назария ва амалия қисми 1. Хуҷанд: Матбааи "СИ Шарипов"-2023- С. 294-297;

**[8-М]. Пиров Ҳ.П.** Меъёрҳо ва маҷмӯи методикаҳои омӯзиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон. // Маводи конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ "Роҳ ва воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб" – Хуҷанд: нашриёти "Нури маърифат" 2023-С. 241-246;

**[9-М]. Пиров Ҳ.П.** Историко-педагогическая концепция о гармонизации взаимоотношений учителя и ученика. // Маводҳои конференсияи илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Дурнамои рушди таҳсилоти олӣ дар замони ҷаҳонишавӣ". Хуҷанд: Нашриёти "Нури маърифат" 2021.- С.306-310.

**[10-М]. Пиров Ҳ.П.** Омилҳои муҳими ҳамоҳангсозии муносибатҳои муаллим ва хонанда. // Маводи конференсияи вилоятии илмӣ-амалии "Муаммоҳои истифодаи самарабахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти таълимӣ- тарбиявии муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ”  (Хуҷанд, 14 май 2022.)- Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. - С.49-56 (бо ҳаммуаллифӣ).

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

**Тақризи** 1. **Раҷабов Т.Б. -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тақриз мусбат ва муқарриз эрод надорад.

**Тақризи** 2. **Шомуродзода Ҳ.Р. -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи** 3. **Аминҷонова М.С. –** номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба корҳои тарбияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, муқарриз эрод надорад.

**Тақризи** 4. **Азимова Н.С. -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат мебошад ва муқарриз эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсия Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадовичро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 4-уми апрели соли 2024, №30, тибқи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

- Методология ва асоси назариявии таҳқиқи муаммои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон муайян ва муқаррар гардидааст.
- Ғояи асосии таҳқиқот дар раванди мутаносибкунандаи педагогӣ фаро гирифтани худмуайянкунии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон ҳамчун афзалияти низоми таҳсилот ва рушди шахсият ҳамчун консепсияи асосноккунӣ шинохта шудааст.
- Матлабҳои консепсия дар стратегия ва тактикаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ татбиқ шудааст.
- Самаранокии технологияи бунёдшудаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шудааст;
- Хулосаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омода кардани тавсияҳо оид ба ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таҳсилот мураттаб, таҳлил ва натиҷагирӣ карда шудаанд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки:

- назария ва амалияи таҳсилот бо дониши муосири илмӣ оид ба асоси назариявӣ-методологии такмили мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони таҳсилоти миёнаи умумӣ ғанӣ гардид;
- қисмҳои мундариҷавӣ, методӣ ва протсессуалии раванди мазкур муназзам гардиданд;
- амсилаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тарҳрезӣ шуд;
- воситаҳои меъёрӣ-ташхисӣ барои мониторинги раванди мазкур муайян гардид.

***Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро*** бо нуктаҳои зерин метавон собит намуд, ки технологияи коркардшудаи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ роҳи рушди мутаносиби шахсиятро дар асоси фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ, восита ва методикаи ба амалия таҳсилот ҷорӣ намудани матлабҳои консепсияи мутаносибгардонии раванди педагогии таҳқиқшавандаро тариқи масирҳои инфиродӣ-шахсиятии худмуайянкунии арзишӣ, тарҳрезии иҷтимоии самтгирии инсонпарваронаро зимни мусоидати педагогӣ ба ин фаъолият инъикос менамояд: маълумоти дар рафти таҳқиқот ба даст омадаро дар амалияи фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди омодагии омӯзгорони оянда дар донишгоҳу донишкадаҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои фаъолияти самаранок оид ба афзудани сатҳи маҳорати методии омӯзгорон метавонанд истифода шаванд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зайл муайян карда шудаанд***:

- моҳияти мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон ошкор карда шуд: бартараф кардани носозгорӣ, номувофиқатии ҷузъҳо, вазифаҳо ва ноилшавӣ ба мутаносибӣ, мусоидати тарафайни онҳо дар асоси мутаносибшавии онҳо бо ҳадаф;
- механизмҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардиданд: пурракунӣ, ҳамгирой, интериоризатсия ва экстериоризатсия, инъикос ва офаридани арзишҳо;
- маҷмуи шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон асоснок карда шуд: 1) назардошти хусусиятҳои фарогирии арзиш-ҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон; 2) махсусияти рефлесияи онҳо, ки ба азхудкунӣ ва ҷустуҷӯи аҳамияту мазмуни шахсии арзишҳо равона гарди¬даанд; 3) имконияти интихоб ва аз ҷониби мактаббачагон офаридани арзишҳои шахсан ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, амалисозии онҳо дар кирдорҳо, рафтор ва муносибатҳои мутақобил;
- самаранокии мутаносибгардонии раванди таҳқиқшаванда ошкор гардид: пайдоиши синергия, рушди рефлексия, азхудкунии аҳаммияти арзишҳо, инъикос, пайдоиши мазмунҳо, тағйири нуқтаи назар дар фаҳмиши арзиш, беҳтаргардонии интихобҳои арзишӣ, дақиқ кардани низоми арзишҳо, рушди иқтидори шахсиятӣ, пайдоиши сифатҳои нави шахсият, корҳои нек;
- технологияи педагогие коркард шуд, ки масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ (барномаи худмуайянкунии мактаббачагон дар низоми арзишҳо) ва лоиҳакашии иҷтимоиро фаро мегирад, ки ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон равона гардидааст.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** ба он асос меёбад, ки хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ; мантиқи илмии тадқиқи масъала тавассути интихоби методҳои ба предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муносиб, давомнокии кори таҷрибавию озмоишӣ, таҳлили бонизоми натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни таҳқиқот ба даст омаданд.

Дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш ва таҳлили осори фалсафию ҳуқуқӣ, психологӣ, педагогӣ, тавассути истифодаи усули муқоисавӣ, асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгор ва таҷрибаи амалии омӯзгорони дар корҳои таҷрибавию озмоишӣ иштирокнамуда **таъмин карда шудаанд;**

- натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ ва озмоишӣ аз тариқи аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмуи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимии омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ бар меоянд, ба даст омадаанд;

***Саҳми шахсии муаллиф***, пеш аз ҳама, дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба дастомада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад. Инчунин омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои гуногуни истифодаи восита ва шаклҳои гуногуни шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон, ҳамчун масоили мубрами педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ мебошад.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст: банди 1 - «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (дидгоҳҳои таҳқиқотӣ ба рушди илми педагогика, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; методҳои таҳқиқоти педагогӣ); банди 6 - «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии онҳо; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот); банди 7 - «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасти таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии муассисаҳои таълимӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 11 нафар, аз ҷумла 1 нафар онлайнӣ, аз 11 нафар 6 **нафар** доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

**тарафдори додани дараҷаи илмӣ 11 нафар,**
**муқобили додани дараҷаи илмӣ нест нафар,**
**бюллетенҳои беэътибор нест,**

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 8-уми июни соли 2024 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи «Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295), комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-026, доктори илмҳои**
**педагогӣ, профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионии 6D.КОА-026**
**доктори илмҳои филологӣ, дотсент** **Ҳамробоев Н.А.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**08.06.2024с.**